ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 22.09.2022, №11

Барои сазовор донистани Миралиева Сарварбӣ Толибовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 30 июни соли 2022, суратмаҷлиси №6 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Миралиева Сарварбӣ Толибовна 10-уми феврали соли 1968 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1993 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, солҳои 1995-1998 дар шуъбаи «Ахбор»-и Телевизиони Тоҷикистон ба ҳайси муҳаррир ва ёвари коргардон, солҳои 1998-2008 дар Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик ба сифати назоратчӣ, солҳои 2008-2009 дар Маркази ҷумҳуриявии иловагии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мудири шуъбаи техникӣ, солҳои 2013-2017 дар шуъбаи алоқаи №36-и КВД «Почтаи тоҷик» фаъолияти намудааст. Ӯ аз соли 2017 то ба ин замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон фаъолият дошта, ҳамзамон аз соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба пажӯҳиши илмӣ машғул аст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академики АМИТ Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ мебошад.

Муқарризони расмӣ – Худойдодов Аъзам Овлододович, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети

филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Аҳмадов Сафармад Гадомадович, номзади илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Муассисаи пешбар – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология, номзади илми филология, дотсент Шамсов Н.С., номзади илми филология, дотсенти кафедраи мазкур – Бобоалиева З.П., котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология, дотсент Раҳимова М. ва имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми филология, профессор Гулназарзода Ж.Б. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Миралиева, С.Т. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба ашъори ватандӯстонаи Рустам Ваҳҳобзода / С.Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – № 1. – С. 199-206.

[2-М]. Миралиева, С.Т. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба шеъри нав ва шеъри сафед дар адабиёти муосири тоҷик / С.Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – № 2. – С. 205-209.
[3-М]. Миралиева, С.Т. Шеъри нав ва сафед дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода // С.Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020.– № 3. – С. 229-236.
[4-М]. Миралиева, С.Т. Фардбайт дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода / С. Т. Миралиева // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – № 1 (009). – С. 233-238.
[5-М]. Миралиева, С.Т. Ҳувият ва худшиносӣ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода // С.Т. Миралиева // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2021. – № 4(016). – 203-208.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[6-М]. Миралиева, С.Т. Манзума дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода / С.Т. Миралиева // Маводи Конфереренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500- солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». Ҷилди 11. – 2020. – С. 283-284.
[7-М]. Миралива, С.Т. Маҳорати шоирии Рустам Ваҳҳобзода / С.Т. Миралиева // Маорифи Тоҷикистон. – 2021. – № 12 (200). – С. 54-57.

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Тақризи номзади илми филология, ходими пешбари Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҳошимова Хуршеда мусбат буда, дар он ба автореферати ду эрод гирифта шудааст: 1) Дар боби дуюми диссертатсия андешаҳои адабию эстетикии Рустам Ваҳҳобзода хеле кӯтоҳ баррасӣ гардида, ин бахш таҳқиқи фарогиртар мехоҳад; 2) Дар автореферати диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ (саҳифаҳои 3, 12, 16) пешниҳод мегарданд, ки рафъи онҳо боиси зиннати кор хоҳад шуд.

2. Тақризи номзади илми филология, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Одинаев Нурмаҳмад низ мусбат буда, дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд: 1) Дар матни автореферат дар ду шакл навиштани ному насаби шоир – Рустами Ваҳҳоб (саҳ. 14, 15) ва Рустам Ваҳҳобзода (дар дигар мавридҳо) ба назар расид; 2) Дар муқаддима, қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуъ тӯл кашидааст, агар муҳаққиқ онро ихтисор карда, саҳифаҳои аз ин ҳисоб ҳосилшударо ба бобҳои дуюм ва сеюми диссертатсия мебахшид, хубтар мешуд; 3) Ғалатҳои имлоӣ

(саҳ. 3, 14) ва техникӣ (саҳ. 9, 22) дар баъзе саҳифаҳои автореферат намудор гашт, ки ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб хоҳад буд.

3. Дар тақризи доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шамшоди Ҷамшед дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат се эрод гирифта шудааст: 1) Дар қисмати асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ дар баробари усулҳои истифодашуда, методи шарҳи осори адабӣ низ зикр меёфт, хуб мебуд, чунки ба талаботи маводи таҳқиқшаванда мувофиқ аст; 2) Дар автореферат омехта шудани мавқеи истифодаи истилоҳоти илмӣ, махсусан, мафҳумҳои сабк ва услуб (саҳ. 8, 9 ба назар расид, ки ба андешаи мо, тасҳеҳ мехоҳад; 3) Ба назари мо, корбурди мафҳумҳои «хусусиятҳо» ва «махсус» дар шакли «хусусиятҳои махсус» ғалат буда, беҳтар буд «хусусиятҳои фарққунанда» гуфта шавад.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- унвонҷӯ Миралиева Сарварбӣ Толибовна тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба омӯзиши рӯзгору фаъолияти эҷодӣ ва таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои мавзуӣ ва ҳунарии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси маҷмуаҳои ашъори Рустам Ваҳҳобзода – «Калимаҳо» (1990), «Шаҳри Хуршед» (2008), «Салом» (2015), «Сарводаи Ватан» (2019) ва «Ҳазор байт» (2020) сурат гирифта, лирикаи иҷтимоии шоир дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард карда шудааст.**
- зиндагинома, фаъолияти адабӣ ва вачҳаи шоирии Рустам Ваҳҳобзода **баррасӣ гардида**, хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии лирикаи иҷтимоии шоир **муайян гардидаанд;**
- мавқеи Рустам Ваҳҳобзода дар лирикаи иҷтимоии муосир ва масъалаҳои асосии ашъори ӯ **таҳқиқу баррасӣ ёфтаанд**;
- меросбарӣ ва навпардозиҳои Рустам Ваҳҳобзода дар мисоли ашъори суннатӣ ва озод **исбот шудаанд;**
- мухтассот ва дараҷаи корбурди шаклҳо ва анвои адабӣ дар фаъолияти эҷодии шоир **коркард ва муайян карда шудаанд**;
- хусусиятҳои ғоявию бадеии лирикаи иҷтимоии шоир **баррасӣ ва таҳқиқ гардидаанд.**

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи навини тоҷик, такомули назми ду даҳаи охири асри XX ва ду даҳаи аввали асри XXI,

баррасии шеъри даврони Истиқлоли тоҷик, инъикоси ғояҳои баланди миллӣ дар лирикаи иҷтимоӣ ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони шеъри тоҷик ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ осори илмию назарии олимону муҳаққиқони барҷастаи ватанӣ, аз қабили Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, С. Табаров, Р. Мусулмониён, Х. Шарифзода, А.Сатторзода, А. Абдуманнон, А. Абдусаттор, Р. Ваҳҳобзода, М. Нарзиқул, Е.Э. Бертелс, В.Г. Белинский, В.Г. Холшевников, Н. Поспелов, М.Б. Храпченко, С. Шамисо, П.Н. Хонларӣ ва дигарон дар ҳалли масоили назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, китобхонаӣ, хронологӣ, оморӣ ва таҳлилӣ истифода шудааст.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавонанд дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи шеъри муосири тоҷик, таълифи китобҳои дарсӣ, таълифи китобҳо перомуни адабиёти замони Истиқлол, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи зарурӣ, дастабандии мавзуӣ, таъйини тарҳи кор, навиштани мақола ва ҷамъбасти умумии мавзуъ мустақилияти том зоҳир карда, дар мавридҳои зарурӣ аз маслиҳати роҳбари илмӣ баҳраманд шудааст. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Муаллиф дар таҳияи равиши илмии баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳлили оморӣ ва таърихӣ-муқоисавӣ, муайян намудани арзиши адабӣ ва ҳунарии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди

маълумот ва пешфарзҳо барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ фаъолона иштирок намудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 22 сентябри соли 2022 дар бораи сазовор донистани Миралиева Сарварбӣ Толибовна ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.
22.09.2022